ФАРМОИШИ
РАИСИ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ «КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН»

аз «09» 10 соли 2026 № 392/бу ш. Душанбе

Дар бораи бозхонд намудани парвандаи
аттестатсионии Ҳикматзода Қудратулло Ҳикмат

Мутобиқи сархати шашуми моддаи 16 ва сархати ҳафтуми қисми 2 моддаи 17 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ”, сархати чоруми банди 18-и Низомномаи Муассисаи давлатии “Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, № 270 тасдиқ шудааст, ф а р м о и ш м е д и ҳ а м:

1. Бо хоҳиши Ҳикматзода Қудратулло Ҳикмат парвандаи аттестатсионии номбурда оид ба дарёфти унвони илмии дотсент аз рӯйи самти илмҳои «Санъатшиносӣ» аз баррасии Комиссия бозхонд карда шуда, дар ин асос дархости Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов рад карда шавад.
2. Шуъбаи аттестатсионии илмҳои гуманитарӣ (Самариддини Ҷамол) дар муҳлати то 10 рӯз нусхаи фармоиши мазкурро дар сомонаи Комиссия ҷойгир намояд.
3. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи саркотиби илмии Комиссия Маъруфӣ Расул гузошта шавад.

Асос: аризаи довталаб Ҳикматзода Қудратулло Ҳикмат аз 9 октябри соли 2026 ва хулосаи шуъбаи аттестатсионии илмҳои гуманитарӣ.

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
НУСХА БА АСЛАШ БАРОБАР АСТ

Раис Сайфиддин Давлатзода